# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Одиназода Сафармоҳ Нурулло дар мавзуи «Фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ**

Кори диссертатсионии Одиназода Сафармоҳ Нурулло зери унвони «Фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX)» ба яке аз мавзуъҳои муҳим ва арзишманди адабиётшиносии тоҷик бахшида шудааст. Диссертант самти фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷики замони шуравӣ, бахусус солҳои 50-80-уми асри XX-ро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Аз мазмун ва муҳтавои автореферати диссертатсия бармеояд, ки таҳқиқи мазкур дусамта буда, дар баробари мушаххас кардани самти фирдавсишиносӣ, инчунин ташаккули афкори адабии тоҷики замони шуравии солҳои 50-80-уми асри XX-ро дар бар мегирад.

Одиназода Сафармоҳ Нурулло кори илмиро дар асоси таҳлили корҳои олимони ватанию хориҷӣ баррасӣ кардааст. Роҷеъ ба самти фирдавсишиносӣ муҳаққиқон ва адабиётшиносон, ба мисли Е.Э. Бертелс, И.С. Брагинский, С. Айнӣ, Б. Ғафуров, А. Мирзоев, Ш. Ҳусейнзода, Х. Мирзозода, Р. Ҳодизода, А. Афсаҳзод, К. Айнӣ, Х. Отахонова, Х. Шарифзода, В. Самад, М. Муллоаҳмад, А. Сатторзода, А. Маҳмадаминов, Г. Шозиёева ва дигарон ишораҳо намудаанд, аммо дар ҳамбастагӣ бо ташаккули афкори адабии тоҷики замони шуравии солҳои 50-80-уми асри XX бори нахуст анҷом ёфтааст.

Таҳқиқи самти фирдавсишиносӣ новобаста аз ҳар гуна воқеаҳои иҷтимоиву таърихии солҳои 50-80-уми асри XX равобити байни кишварҳои собиқ шуравӣ вуҷуд доштааст. Дар ин замина таҳлили самти фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷики замони шуравии солҳои 50-80-уми асри XX метавонад на танҳо дар замони

соҳибистиқлолии кишвар манфиат оварад, балки равобити адабиву фарҳангии минбаъдаи Тоҷикистон ва ҷамоҳири дигари Иттиҳоди давлатҳои мустақилро рушд ва ташаккул диҳад. Аз ин рӯ, автореферати пешниҳоднамудаи Одиназода Сафармоҳ Нурулло ҷанбаҳои зарурии рушди самти фирдавсишиносӣ ва равобити адабиро дар бар мегирад.

Мавзуи «Фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX)» дорои аҳаммияти баланди илмӣ мебошад, зеро нуктаҳои матраҳгардида дар кори таҳқиқ тибқи нақша сурат гирифта, ба мавзуи таҳқиқ комилан мувофиқанд. Дар автореферат масъалаҳои назариявию амалӣ мавриди таҳқиқ баррасӣ гардидаанд. Мавзуи мазкур аз назари мавзуъ, ғоя, дарунмояи адабӣ, шаклу мундариҷа ва амсоли инҳо аҳаммияти хуби илмӣ доранд.

Дар баробари муваффақиятҳо дар автореферат баъзе камбудиҳои ҷузъӣ низ ба чашм мерасанд:

1. Дар автореферат таҳлили корҳои шоистае, ки Сотим Улуғзода дар анҷом додааст, кам ба назар мерасад. Агар ин матлабро диссертант бештар меафзуд, бар манфиати кор мешуд.

2. Дар боби сеюм зери унвони «Таъсири ғояҳои меҳварии «Шоҳнома» диссертант танҳо се ғояро овардааст. Агар дар мавриди ғояҳои дигари асар шарҳи бештар мешуд, арзиши рисола боз ҳам меафзуд.

3. Дар автореферат баъзе ғалатҳои техникӣ, имлоӣ ва услубӣ ба назар мерасанд (с. 5, 7, 18, 20, 23 ва 27).

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиш ва аҳаммияти диссертатсияро коҳиш намедиҳанд.

Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки кори таҳқиқотии Одиназода Сафармоҳ Нурулло дар мавзуи « Фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX)» таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, № 3) ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз:** доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи забони тоҷикии
Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон Аслонова Наргис Наимҷоновна

«Имзои д.и.ф., профессор Аслонова Н.Н.-ро тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон Мирҷалолов Мурод Абдураҳмонович

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Наҳимов, 64/14,
Тел.: (+992) 37 231 08 43
E-mail: info@tgfeu.tj

24.08.2026